«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. ________________
«__» __________ 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба дисертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Кори диссертатсионии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст ба шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат менамояд.

**Муҳиммият ва зарурати таҳқиқоти мавзуи диссертатсия.** Мубрамии мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар шароити муосир тамоми равандҳои ҳаёти ҷамъиятиро бидуни истифодаи компютер наметавон тасаввур намуд. Аз ин рӯ, барои омодагонии комили ҷомеа ба раванди истифодаи копютер баланд бардоштани маърифати хонандагон дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ амри зарурӣ ба шумор меравад. Маҳз, дар раванди таълимии фанни мазкур хонандагон омода шуда, баъдан барои истифодаи донишҳои андӯхта иқдом менамоянд. Аммо дар илми педагогика омодагии мутахассисон ба раванди истифодаи технологияи иттилоотӣ, бахусус кор бо компютер муносибати эҳтиёткоронаро аз ҳар нафар хонанда тақозо мекунад. Онро ба сурати дигар қоидаҳои техникаи бехатарӣ низ унвон мекунанд. Риояи талаботи мазкур ва ҳам такмили муносибати эҳтиёткорона баробари тақозо намудани меъёрҳои махсус ва ба даст овардани самараи матлуб асосҳои методиро хостгор аст. Дар илми педагогика ҳарчанд роҷеъ ба ҷанбаҳои

мухталифии итифодаи компютер дар раванди таълим таҳқиқоти муайяне сурат гирифтааст, вале ба таври куллӣ таҳқиқоти фарогир дар робита ба ин масъала ба анҷом нарасидааст.

**Дараҷаи асоснокии соҳаҳои муқарраароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳо.** Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки рисолаи диссертатсионии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ», дар илми педагогикаи тоҷик аз ҷумлаи аввалин ҷустуҷуҳои муфиди илмӣ мебошад, ки дорои аҳамият ва арзиши шоистае ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, ниёзмандиҳои афзун дар мавриди зарурати такмили ҷанбаҳои амалӣ ва методии фанни технологияи иттилоотӣ, кам будани таҳқиқоти махсус дар самти равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар ҷараёни таълими ин фан мубрамият ва муҳиммияти масъалаи меҳварии таҳқиқоти диссертатсияи мавриди тақризро ба миён оварда, навоварии назарӣ ва аҳаммияти амалии онро тақвият мебахшад.

**Навгонии илмии таҳқиқот аз бандҳои зерин иборат мебошад:**

- баррасии асосҳои назарии корбурди компютер ва усулҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- муайян кардани шароитҳои методологии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;
- таҳия намудани амсилаи методи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;
- таҳия намудани шаклҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;
- коркарди татбиқи методологияи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;
- тавсифи шароити педагогии асосҳои методии истифодаи компютер ва . равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ;
- бо роҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ аниқ кардани дурустии амсилаи низоми асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии

муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки бар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф вазъи методологӣ муайян кардааст, ки ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мусоидат мекунад; амсилаи методологии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз таҳияи амсилаи методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар низоми омода намудан ва бозомӯзии омӯзгорон мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Дар канори ин, натиҷагирӣ ва хулосаҳои диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович имкон дорад, ки ҳангоми таълифи васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар робита ба усули таълими фанҳои технологияҳои итттилоотӣ ва ҳатто худи ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба кор гирифта шавад. Дар канори ин, натиҷаву хулоса ва маводи амалии диссертатсия метавонад аз тарафи магистрантону докторантон ҳангоми иншои рисолаҳои номзадӣ ва магистриву доктор (PhD) истифода шавад.

**Муҳтаво ва ҷанбаи илмии диссертатсия.** Дар кори диссертатсионии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дастгоҳи илмии он ба таври муназзам омода шуда, муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот шарҳу баён шудааст, ки дар умум масъалаҳое чун мубрамӣ ва зарурати масъалаҳои таҳқиқшаванда, дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, фарзия, марҳила, макон ва давраи таҳқиқотро фаро мегирад. Баробари ин, дар қисмати муқаддима асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаи маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия низ ба асоси талаботи таълифи диссертатсияҳои илмӣ шарҳу баён ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он**. Низом ва сохтори умумии диссертатсия, дар меҳвари он қарор додани масъалаҳои мубрам ва мушаххаси илмӣ, мубрамият ва зарурати анҷоми таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудаи он, мақсад ва вазифаҳои аслии масоили мавриди таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот ва аҳаммияти назариявию амалии он, ҳамзамон, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои илмии муҳаққиқ, мақолаҳои нашрнамудани муаллиф ва иштироки ӯ дар ҳамоишҳои ҷумҳуриявӣ саҳми бевоситаи шахсии ӯро дақиқ аниқ ва муайян мегардонанд. Дар канори ин, саҳми шахсии довталаб, дар ҷараёни мавриди таҳқиқот ва таҳлил қарор додани дидгоҳҳои донишмандони соҳаи педагогикаи муосири кишвар ва хориҷ аз он дар бораи ба ин масъала мавриди баҳс дар диссертатсия, ба зуҳур мерасад. Дар канори ин, муносибати фардии назарӣ ва методологии унвонҷӯ дар ҳаллу фасли баъзе масъалаҳои марбут такмили равишҳои муносибати эҳтиёткорона дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович бе шеваи матлуб ва ҷавобгӯ ба таълифоти илмии риштаи педагогика ба қалам омада, дар бораи такмили маҳоратҳои хонандагон ҷиҳати коркард ва истифодаи методҳои муҳими истифодаи эҳтиёткоронаи компютер дар рафти таълифи фанни технологияи иттилоотӣ мусоидат мекунад. Аз рӯйи хулоса ва натиҷаҳои ба даст омада метавон муқаррар намуд, ки интихоби мавзуъ ва шеваҳои баррасӣ ва таҳқиқоти он дуруст муқаррар ва пайгирӣ гардидааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навовариҳои илмии диссертатсияи номзадии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар он муқаррар шудааст, ки дар он бори аввал дар илми педагокаи тоҷик масъалаи коркарди асосҳои методии такмили муносибати эҳтиёткорона дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар МТМУ ба риштаи таҳқиқот кашида шудааст. Муаллиф барои ба вуҷуд овардани амсилаҳои методии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ (ҳадаф, равиш, мақсад, марҳилаҳо, муҳтаво, вазъи педагогӣ, натиҷа) ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагонро ба эътибор гирифта, аз рӯйи таҷрибаҳои ҳосилнамуда дар муассисаҳои озмошии худ дар шаҳри Панҷакент хулосаҳои дақиқ ва мушаххаси илмӣ баровардааст,

ки онро омӯзгорони ин фан метавонанд дар раванди таълим дар саросари ҷумҳурӣ истифода кунанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори диссертатсионии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ» ба талаботи Дастурамали Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ мутобиқ аст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 185 саҳифаи чопи компютерӣ бо фарогирии 7 расму диаграммаҳо таҳия шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Асосҳои назариявии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютер»** номгузорӣ шудааст, ки аз се фасли асосӣ иборат буда, дар он бештар муҳаққиқ ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаи компютерро ба риштаи таҳқиқот кашидааст.

Дар фасли якум – «Муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар истифодаи компютер ҳамчун масъалаи мубрами педагогикаи МТМУ» ном дошта, муаллиф бар асоси такя ба назариёти донишмандон ҷанбаҳои муҳими назарии таҳқиқотро шарҳу баён ва зимнан мубрамияти масъаларо ба риштаи таҳқиқот кашидааст. Ҷанбаи муҳими ахлоқи касб намудани ин масъаларо муаллиф бо такя бар тамоми навъи муносибатҳои иҷтимоии инсон дар ҷомеа қайд намуда, дуруст таъкид медорад, ки «муносибати эҳтиёткорона ба ҷомеа барои инсон, бахусус ба хонанда имкон фароҳам меварад, ки ба амали инсон баҳои дурусти ахлоқӣ дода шавад, зеро он ба монанди дигар хислатҳои шахсӣ, дар самтҳои мухталифи фаъолияти худи инсон ба зуҳур мерасад». Бар ин асос ӯ нахуст муносибати эҳтиёткоронаро ҳамчун як мафҳуми калидии таҳқиқоти хеш, ки аз як раванди куллии муносибати инсон ба ҷомеа бармеояд, бо такя бар назариёти олимону донишмандон шарҳу тафсир карда, ба ин асос муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳангоми истифодаии компютерро дар раванди таълифи фанни технологияи иттилоотӣ чун масъалаи муҳими педагогикаи муосир муқаррар сохтааст.

Фасли дуюм – «Махсусиятҳои аслии консепсияи «Асосҳои методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи муҳассилин дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ», ном дошта, муҳаққиқ дар ҷараёни он ба таҳқиқоти заминаҳои назарияву амалии консепсияи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир

намудааст. Дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур, ки шарҳу тафсири назарии консепсияи «Асосҳои методологии истифодаи компютер ва равишҳои беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи муҳассилин дар ҷараёни таълими фанни технологияи иттилоотӣ»-ро фаро мегирад, довталаб ба шарҳу тафсири чанд нуктаи муҳиму меҳварии ин масъала пардохта, вобастагии хонанда аз компютер ва роҳҳои муосири раҳоӣ аз онро ба таври дақиқ ва илмӣ пешниҳод мекунад. Ба назари муаллиф, яке аз нуктаҳои меҳварии татбиқи консепсияи мазкур таваҷҷуҳи хонандагон ба масъалаи истифодаи компютер барои манфиатҳои таълимӣ аз ҷониби хонандагон мебошад.

Дар фасли сеюми боби якум – «Ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи назарияи асосноккунии шароити педагогии хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ» ном дошта, дар он муҳаққиқ барои муайян кардани равишҳои аслии ташаккули муносибатҳои эҳтиёткоронаи асосноккунии шароити педагогии хонандагон оид ба истифодаи компютер дар раванди таълими технологияҳои иттилоотӣ мулоҳиза ва пешниҳоди қобили таваҷҷуҳи хешро баён доштааст. Ӯ нахуст мафҳуми луғавӣ ва истилоҳии шароитро шарҳу тавзеҳ дода, таъкид кардааст, ки «таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогӣ ба мо барои тасдиқ намудан имкон медиҳад, ки имрӯз муносибати ягона ба мафҳуми «шароити педагогӣ» вуҷуд надорад.

Боби дуюми диссертатсия **«Кори таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ»** ном дошта, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Боби мазкур ба таҳқиқи раванди корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ дар ҷодаи ба асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ асос ёфтааст.

Фасли якуми боби дуюми диссертатсия **«Амсилаи асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ»** унвон дошта, муаллиф нахуст ба зарурати амсиласозӣ ва вусъати онро дар шароити муосир дар чанд бахш баррасӣ намудааст. Ба назари муаллиф агар ин баён ба масъалаҳои куллии амсиласозӣ дар илми педагогика рабт дошта бошад, «Амсилаи асосҳои усулии истифодаи компютер ва беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи муҳассилин дар ҷараёни тадриси фанни технологияи иттилоотӣ муносиботи тасвирӣ, принсипҳои муҳими шароити педагогӣ, шаклҳои истифодашаванда, методҳо ва воситаҳо, компонентҳои асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими

технологияи иттилоотӣ, нишондиҳандаҳо, марҳила ва зинаҳои ташкил намудани истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ, натиҷаву хулосаҳо»-ро ғунҷоиш додааст. Шаклҳои муносибат, ки онро муҳаққиқ дар чор бахш қисмат намуда, ба риштаи таҳқиқот кашидааст, ҳамчун унсури муҳим дар ҷараёни асосҳои усулии истифодаи компютер ва беҳсозии муносибати эҳтиёткоронаи муҳассилин дар ҷараёни тадриси фанни технологияи иттилоотӣ ба риштаи таҳқиқот кашида шудааст.

Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия - «Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ», ба таҳқиқоти масъалаи меҳварии таҳқиқоти илмӣ муқаррар намудани асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар ин бахши кори худ самтҳои асосии методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотиро баррасӣ намудааст,ки яке аз онҳо масъулият унвон гирифтааст.

Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия – «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ» ба ҷанбаҳои амалӣ ва таҷрибавии таҳқиқот бахшида шудааст. Татбиқи нуктаҳои меҳварии амсилаи бамиёновардаи муаллифи диссертатсия имконият додааст, ки нуктаҳои меҳварии назарии дар боби як баёндоштаро дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Панҷакент амалан татбиқ намояд. Натиҷаҳои амалӣ аз ин санҷиш ва озмоишҳо бо нишон додани замон ва макони баргузории таҷрибаҳо дақиқ нишон дода шудааст. Шарҳи ин марҳилаҳо, ҳадафҳои асосии баргузор намудани озмоиш ва натиҷаҳо низ бо нишондодҳои аниқ дар ин фасли боби дуюми диссертатсия оварда шудаанд, ки ҳамагӣ самараи аслии ин таҳқиқотро муқаррар месозанд. Санҷишҳо бештар бо роҳи пурсиши омӯзгорону хонандагон ҷараён гирифтааст, ки натиҷаҳои дақиқи оморӣ низ оварда шудааст. Ин шеваи таҳқиқот барои такмили консепсияи асосҳои методии истифодаи комютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ мусоидат намудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Диссертатсияи номзадии Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи

**«Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ»**, ба талаботи бандҳои 31, 32, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар баробари ин дастовардҳо, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо зарур аст:

1. Бахши мубраммияти мавзуи таҳқиқот хеле муфассал баён шудааст ва ба андешаи мо шарҳи мухтасари матлаб дар ин қисмат муҳимтар ба назар мерасад.
2. Дар ҷараёни таъйини асосҳои методолии таҳқиқот маълум гардид, ки муаллиф бештар ба назариёти донишмандони хориҷӣ такя кардааст. Хуб мешуд, ки дар ин ҷода ба медотикаи корҳои олимони тоҷик ва равишҳои илмии онҳо низ ишорат карда шуда, аз онҳо дар раванди таҳқиқот истифода гардад.
3. Корҳои озмоиши таҳқиқот асосан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуии шаҳри Панҷакент сурат гирифтааст. Маълум аст, ки шароити таълимӣ, ки яке аз унсурҳои меҳварии ин таҳқиқот ҳам аст, дар манотиқи мухталифи кишвар фарқкунанда аз ҳам аст. Хуб мебуд, агар унвонҷӯ бо назардошти ҳамин унсури меҳварии кори илмии худ якчанд таҷрибаҳои хешро дар муассисаҳои навоҳии дигар, ки шароити фарқкунанда аз шаҳри Панҷакент доранд, ба роҳ мемонад.
4. Ҳарчанд таҷрибаҳои зиёде гузаронида шудааст, аммо микдори ҷадвалҳои муайянкунандаи таҳлилҳо ва натиҷагириҳо камтар ба назар мерасад. Хуб мешуд, ки дар ин ҷода нишондодҳоро боз ҳам бештар тавассути чунин ҷадвалу диграммаҳо муқаррар ва шарҳу баён менамуд.

Бо баробари он қайд кардан лозим аст, ки камбудиҳои зикршуда мундариҷаи арзишманди рисоларо паст намекунанд ва ба натиҷаҳои асосии назаривию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса** диссертатсияи Примов Муҳсин Муслимҷонович дар мавзуи **«Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ»** таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мувофиқ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76, 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии муштараки кафедраи педагогика ва кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 17 сентябри соли 2025, суратҷаласаи № 2А муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 – нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи педагогикаи
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Бобоева Г.Ш.

Мудири кафедраи технологияи
иттилоотӣ ва методикаи таълими
информатикаи МДТ-и «ДДБ ба номи
Носири Хусрав», номзади
илмҳои физика-математика: Маҳмадалиев Ҳ.С.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои
педагогӣ, саромӯзгор: Каримова М.М.

Имзоҳои Г.Ш. Бобоева, Ҳ.С. Маҳмадалиев ва М.М. Каримоваро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК ва КМ-и МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав»: Исозода Т.И.

«17» 09 соли 2025.